«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши Академияи
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
доктори илмҳои таърих, профессор
__________Убайдулло Н.К.
«6» декабри соли 2019

# ХУЛОСАИ

шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумуҳурии Тоҷикистон ба рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ

Диссертатсия дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» дар кафедраи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст. Дар давраи ниҳоии омода намудани диссертатсияи мазкур Қодиров Довар Саидаллоевич ҳамчун унвонҷӯи кафедраи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Ӯ аз соли 2016 ба сифати ассистенти кафедраи идоракунии давлатӣ, феълан ҳамчун муаллими калони кафедраи идоракунии давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои таърих Искандаров Қосимшо, саркотиби илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар муҳокима ширкат намуданд: Ғафуров А.М., мудири шуъба, номзади илмҳои таърих, дотсент, Абулҳаев Р., доктори илмҳои таърих, профессор, Ҳотамов И.Б., доктори илмҳои таърих, профессор, Абдурашитов Ф., доктори илмҳои таърих, Каримова Р., номзади

илмҳои таърих, ходимони илмии шуъба Мирзоев Ҷ, Мусоев Ё., Акрамов М., Ҳусейнӣ Х.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи Қодиров Д.С. хулосаи зерин пешниҳод шуд:

**Аҳамияти илмии таҳқиқот.** Мактаби афғонистоншиносии тоҷик аз даврони Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз мактабҳо пуршуҳрат ва бонуфузи илмӣ ба ҳисоб мерафт. Олимони шарқшиноси Тоҷикистон дар баробари тавсифи манбаъҳои хаттӣ ва омӯхтани адабиёти классикии форсу тоҷик, ба таҳқиқи масъалаҳои муҳимми таъриху иқтисодиёт ва забону адабиёти халқҳои Эрону Афғонистон, Ҳиндустону Покистон ва мамлакатҳои араб машғул гардида, асарҳои бунёдӣ таълиф намудаанд, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он маълуму машҳур гашта буданд. Ташаккул ва рушди илми шарқшиносӣ ва яке аз шохаҳои муҳимми он – афғонистоншиносӣ баъд аз таъсиси Академияи илмҳои Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (ҶШС) дар соли 1951 ва Шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттии АИ ҶШС Точикистон соли 1958, ки дар соли 1970 ба Институти шарқшиносии АИ ҶШС Точикистон тағйири ном намуд, мазмун ва мундариҷаи нав пайдо кард. Таъсиси Институт барои таҳқиқи самтҳои гуногуни илми таърих ва фарҳанги ҷумҳурии ҷавон пешомадҳои навро боз намуд, барои таҳқиқи масъалаҳои зиёди ҳалногашта ва норавшани таърихи гузаштаю дурнамои ояндаи рушди илм имконият фароҳам овард.

Яке аз олимони барҷаста таърихшинос, афғонистоншинос, ки баъд аз ташкили Шуъбаи шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ тамоми фаъолияти илмиашонро ба омӯхтани таъриху фарҳанги Афғонистон бахшидааст, профессор Ҳақназар Назаров мебошад. То кунун дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» таҳқиқоти мукаммал анҷом наёфтааст, ки аз мубрам будани мавзӯъ далолат мекунад.

Муҳаққиқ мубрамияти мавзӯъро бо чанд далели дигар низ мушаххас намудааст:

Ҳақназар Назаров ҳамчун муҳаққиқи барҷастаи таърих ва фарҳанги Афғонистон ва халқҳои Осиёи Марказӣ, шуҳрати ҷаҳонӣ дошта, берун аз ҳудуди Осиё низ маъруфият пайдо карда буд. Аз ин нигоҳ таҳқиқ ва ҷамъбасти андешаҳои Ҳақназар Назаров саҳми ӯ ба хусус дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон, баҳогузории илмӣ ва таҳлили осори ӯ, бешубҳа дорои аҳамияти калони илмӣ мебошад.

Мубрамияти мавзӯи мазкур дар он аст, ки имрӯз дар ин кишвари ба мо дӯсту ҳамсоя 40 сол аст, ки ҷанг идома дорад. Омили Афғонистон ба сиёсат ва амнияти кишварҳои минтақа таъсири бузург дорад. Аз ин рӯ, бисёре аз масъалаҳои дар таҳқиқоти Ҳ.Назаров бардошташуда, махсусан зарурати ҳалли масъалаи миллӣ, тавсияҳои пешниҳодкарда ӯ дар ин замина барои ҳалли буҳрони имрӯзаи Афғонистон аҳамияти зиёд доранд.

Аҳамияти илмии мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ аз он низ иборат аст, ки то имрӯз таҳқиқоти махсуси илмӣ, ҷомеъ ва ҷамъбастӣ оид ба саҳми профессор Ҳ.Назаров дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги Афғонистон анҷом нашудааст.

Муайян намудани хизмати шоёни ашхоси бузурги миллат дар рушди илму фарҳанги мамлакат, яке аз вазифаҳои муҳимми таърихнигории миллии тоҷик мебошад.

Аҳамияти махсуси таҳқиқи мавзӯи мазкур аз он иборат аст, ки имрӯзҳо баъзе муаллифони афғон «консепсия» ва «фарзияҳо»-и бо ном илмӣ пешниҳод карда, бо кӯшиши паст задани нақши тоҷикон дар таърихи Афғонистон, ба таври ғаразнок далелҳои таърихиро таҳриф месозанд. Нуқтаи назари муҳаққиқ аз рӯи бисёр масъалаҳои муҳимми таърихи муосири Афғонистон на танҳо аз таърихнигории расмии Афғонистон, балки аз назария ва андешаҳои афғонистоншиносони Шӯравӣ фарқ мекунад. Худи ин масъала аҳамияти илмии мавзӯъро барҷаста мекунад.

Мубрамияти мавзӯъ дар он низ ифода меёбад, ки Ҳ.Назаров таърих ва равандҳои фарҳангию этникии Афғонистонро беғаразона ва

объективона омӯхта, ҷойгоҳ ва нақши ҳақиқии тоҷиконро дар ин кишвар муайян мекунад. Таҳқиқи муқоисавии муҳтавои асарҳои профессор, ки мавқеи устуворро дар доираҳои илмӣ нигоҳ медоранд, барои ҳалли мушкилоти душвори таърих, фарҳанг ва масоили дигари Афғонистон аҳамияти бузурги илмӣ–назариявиро доро мебошанд.

Аҳамиятнокии мавзӯи таҳқиқот инчунин бо он асоснок гардидааст, ки омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи илмӣ–педагогӣ ва илмӣ–таҳқиқотии профессор Ҳ.Назаров дар рушди мактаби афғонистоншиносии тоҷик, ки ӯ асос гузошта буд ва дар ҳалли душвориҳо дар ин самт, рушду ояндаи илми афғонистоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тарбияи кадрҳои насли нави муҳаққиқони ин соҳа мусоидат менамояд.

Дар шароити таърихии нав майлу рағбати муҳаққиқон барои омӯзиши асарҳои олим, ошкорсозии нақш ва ҷойгоҳи ӯ дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон ва ташаккулу рушди илми таърих дар ҷумҳурӣ меафзояд, ки ин низ мубрамияти таҳқиқи масъалаи интихобгардидаро нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти саҳми профессор Ҳ.Назаров дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги Афғонистон аҳамиятнок буда, дар шароити соҳибистиқлолии кишвар на танҳо аҳамияти илмӣ–назариявӣ ва амалӣ, балки аҳамияти сиёсиро низ доро мебошад.

**Мақсади диссертатсия** аз омӯзиши ҷомеъ ва муайянсозии саҳми профессор Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги Афғонистон иборат мебошад.

Муаллиф **вазифаҳои илмӣ-таҳқиқотиро** барои расидан ба ҳадафҳои таъйиншуда мушаххас сохтааст, ки аз марҳилаҳои зиндагӣ ва ташаккулёбии шахсияти Ҳақназар Назаров; нишон додани саҳми Ҳақназар Назаров дар омодасозии мутахассисони илмии соҳаи таърих, махсусан афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон; таҳлили вазъи иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX; таҳлили ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX Афғонистон; арзёбии ҷунбишҳои сиёсию иҷтимоӣ ва

маорифпарварӣ; таҳқиқ ва арзёбии масъалаи миллӣ дар Афғонистон; муайян намудани моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ; ва муайян кардани саҳми Ҳ.Назаров дар таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳанги Афғонистон иборат мебошад.

Интихоби мавзӯъ барои баррасии илмӣ дар таърихнигории ватанӣ ва тарзи масъалагузории он навгонӣ маҳсуб мешавад. Инчунин, муҳаққиқ нукоти дигари **навгонии илмии рисоларо** чунин муайян намудааст:

– бори аввал, дар асоси сарчашмаҳои аслӣ ва адабиёти илмӣ–таҳқиқотӣ, фаъолияти илмии Ҳ.Назаров мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор гирифтааст;

– нақши олим дар таъсиси мактаби илмии афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон нишон дода шудааст;

– нақши Ҳ.Назаров дар рушди илми шарқшиносӣ дар Тоҷикистон, саҳми шахсии ӯ дар омодасозии мутахасисони илмӣ, омода намудани, китобҳои дарсӣ оид ба мамлакатҳои Шарқӣ, ба таври объективӣ ҷамъбаст ва муайян карда мешавад;

– саҳми шахсии муҳаққиқ дар таҳлили вазъи иҷтимоӣ–сиёсӣ ва иқтисодии Афғонистон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба таври ҷомеъ муайян карда шудааст;

– саҳми устод дар таҳқиқи ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистон баррасӣ ва мушаххас шудааст;

– мавқеъ ва баҳои Ҳ.Назаров ба ҷунбишҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ дар Афгонистон таҳлил гардидааст;

– баррасӣ ва нигоҳи илмии муҳаққиқ ба масъалаи миллӣ таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳангии Афғонистон таҳлил гардидааст;

– консепсияи Ҳ.Назаров оид ба омӯзиши шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ арзёбӣ шудааст;

– исбот карда шудааст, ки хулосаҳои илмии олим вобаста ба масоили таърих ва фарҳанги Афгонистон дар шароити имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол низ мубрамияти худро нигоҳ медоранд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд, ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи таърихи Афғонистон, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, коркарди воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ–методӣ барои кӯмак ба омӯзгорон ва донишҷӯёни мактабҳои олии таълимӣ истифода хоҳанд шуд. Мавод ва хулосаҳои диссертатсия, махсусан вобаста ба ҷунбишҳои оммавии мардумӣ, маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ, масъалаи миллӣ, моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллои Калаконӣ, мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон, ки дар осори Ҳ.Назаров мавқеи марказиро ишғол мекунанд, метавонанд дар рушди худшиносии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол истифода гарданд.

**Асоси методологии диссертатсия** инъикоси объективии фаъолияти муаррих ва афғонистоншиноси намоён Ҳ.Назаров вобаста ба омӯзиши масъалаҳои таърих ва фарҳанги Афғонистон гарданд. Ҳангоми омодасозии диссертатсия усулҳои гуногуни таҳқиқоти асарҳои таърихӣ : омӯзиши фактҳо, муқоисакунӣ, таҳлили таърихӣ–муқоисавӣ, тавсиф, таҳлили системавӣ, хулосабарорӣ, мавқеи интиқодӣ ва мусоҳиба истифода шуданд.

**Асосҳои назариявии рисолаи диссертатсиониро** осори олимони барҷастаи ватанӣ ва хориҷӣ ташкил намудаанд, ки ба таърих ва фарҳанги Афғонистон бахшида шудаанд.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои боэътимоди таърихӣ ва адабиёти илмӣ асоснок карда шудаанд, ки аз аҳамияти илмӣ ва амалӣ бархурдор мебошанд.

Вобаста ба диссертатсия унвонҷӯ 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмун ва муҳтавои таҳқиқотро инъикос менамоянд.

Рисолаи илмии Қодиров Довар Саидаллоевич «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» ҷавобгӯи талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ тавсия карда мешавад.

Хулоса дар маҷлиси шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа ширкат доштанд - 9 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 9, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Протоколи № 11 аз 6 декабри соли 2019.

Мудири шуъбаи таърихи
навтарини Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А. Дониши Академияи
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон А.М. Ғафуров

Имзои А.М.Ғафуровро тасдиқ мекунам:

Нозири шуъбаи кадрҳо Г.Файзуллоева

АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ ба номи А.ДОНИШ • ШУЪБАИ КАДРҲО

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д.
______________________________
«_3_» __10__ соли 2019.

# ХУЛОСАИ ДОНИШКАДАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсия дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистони муосир» дар кафедраи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст. Дар давраи ниҳоии омода намудани диссертатсияи мазкур Қодиров Довар Саидаллоевич ҳамчун унвонҷӯи кафедраи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Ӯ аз соли 2016 ба сифати ассистенти кафедраи идоракунии давлатӣ, феълан ҳамчун муаллими калони кафедраи идоракунии давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои таърих Искандаров Қосимшо, саркотиби илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муҳокимаи диссертатсия дар маҷлиси муштараки кафедраи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва равандҳои сиёсии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон докторони илмҳои таърих Искандаров Қ., Шарипов Р., Мирзоев Н.М., доктори илмҳои сиёсӣ Нуриддинов Р., докторони илмҳои филологӣ Мухторов З., Сатторзода А., доктори илмҳои педагогӣ Файзализода Ҷ., доктори илмҳои фалсафа Мамадҷонова М., номзадҳои илми таърих Нуриддинов Ҳ., Бобозода Ф., Имомёрбеков А., номзадҳои илмҳои филологӣ Ализода Б., Салоҳиддинов В., Шарипов Ш., номзадҳои илмҳои педагогӣ Аҳмадзода З., Сайдаҳмадова Д.,

номзадҳои илмҳои сиёсӣ Наимов М., Комилбеков А., номзадҳои илми фалсафа Қодиров З., Абилова Г., номзадҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ Абдулхонов Ф., Каримов А., иштирок намуданд.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи илмӣ дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистони муосир» хулосаи зерин қабул карда шуд:

Аҳамияти илмии таҳқиқот. Ташаккул ва рушди илми шарқшиносӣ ва яке аз шохаҳои муҳимми он – афғонистоншиносӣ баъд аз таъсиси Академияи илмҳои Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар соли 1951 ва Шуъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттии АИ ҶШС Тоҷикистон соли 1958, ки дар соли 1970 ба Институти шарқшиносии АИ ҶШС Тоҷикистон тағйири ном намуд, мазмун ва мундариҷаи нав пайдо кард. Таъсиси Институт барои таҳқиқи самтҳои гуногуни илми таърих ва фарҳанги ҷумҳурии ҷавон пешомадҳои навро боз намуд, барои таҳқиқи масъалаҳои зиёди ҳалногашта ва норавшани таърихи гузаштаю дурнамои оянда рушди илм имконият фароҳам овард. Олимони тоҷик дар Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон дар баробари тавсифи манбаъҳои хаттӣ ва омӯхтани адабиёти классикии форсу тоҷик, ба таҳқиқи масъалаҳои муҳимми таъриху иқтисодиёт ва забону адабиёти халқҳои Эрону Афғонистон, Ҳиндустону Покистон ва мамлакатҳои араб машғул гардида, асарҳои бунёдӣ таълиф намудаанд, ки дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он маълуму машҳур гашта буданд.

Яке аз чунин олимони намоёну барҷаста, таърихшинос, афғонистоншиноси номдор, намояндаи шоистаи зиёиёни мамлакатамон, узви вобастаи АИ ҶТ, профессор Ҳақназар Назаров буданд. То кунун дар мавриди «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистони муосир» таҳқиқоти мукаммал анҷом наёфтааст, ки аз мубрам будани мавзӯъ далолат мекунад.

Муҳаққиқ мубрамияти мавзӯъро бо чанд далели дигар низ мушаххас намудааст:

Ҳақназар Назаров ҳамчун муҳаққиқи намоёни таърих ва фарҳанги Афғонистон ва халқҳои Осиёи Марказӣ, шуҳрати ҷаҳонӣ дошта, берун аз ҳудуди Осиё низ маъруфият пайдо карда буд. Аз ин нигоҳ таҳқиқ ва ҷамъбасти андешаҳои Ҳақназар Назаров саҳми ӯ, ба хусус дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон, баҳогузории илмӣ ва таҳлили осори ӯ, бешубҳа дорои аҳамияти калони илмӣ мебошад.

Аҳамияти илмии мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки то имрӯз таҳқиқоти махсуси илмӣ, ҷомеъ ва ҷамъбастӣ оид ба саҳми

профессор Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги Афғонистон анҷом нашудааст.

Муайян намудани хизмати шоёни ашхоси бузурги миллат дар рушди илму фарҳанги мамлакат, яке аз вазифаҳои муҳимми таърихнигории миллии тоҷик мебошад.

Аҳамияти махсуси таҳқиқи мавзӯи мазкур аз он иборат аст, ки имрӯзҳо баъзе олимон «консепсия» ва «фарзияҳо»-и бо ном илмӣ пешниҳод карда, бо кӯшиши паст задани нақши тоҷикон дар таърихи Афғонистон, ба таври ғаразнок далелҳои таърихиро таҳриф месозанд. Нуқтаи назари Ҳақназар Назаров аз рӯи бисёр масъалаҳои муҳимми таърихи муосири Афғонистон на танҳо аз таърихнигории расмии Афғонистон, балки аз назария ва андешаҳои афгонистоншиносони Шӯравӣ фарқ мекунад. Худи ин масъала аҳамияти илмии мавзӯъро барҷаста мекунад.

Мубрамияти мавзӯъ дар он низ ифода меёбад, ки Ҳақназар Назаров таърих ва равандҳои фарҳангию этникии Афғонистонро беғаразона ва объективона омӯхта, ҷойгоҳ ва нақши ҳақиқии тоҷиконро дар ин кишвар муайян мекунад. Таҳқиқи муқоисавии муҳтавои асарҳои профессор Ҳақназар Назаров, ки мавқеи устуворро дар доираҳои илмӣ нигоҳ медоранд, барои ҳалли мушкилоти душвори таърих, фарҳанг ва масоили дигари Афғонистон аҳамияти бузурги илмӣ–назариявиро доро мебошанд.

Профессор Ҳақназар Назаров воқеан олими бузург–муҳаққиқи таърихи Афғонистон маҳсуб меёбад. Имрӯз илми афғонистоншиносиро бе асарҳои ӯ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Таҳқиқоти илмии профессор Ҳақназар Назаров, бешубҳа ба фонди тиллоии илми таърихи халқи тоҷик шомил гардида, барои омӯзиши таъриху фарҳанги Афғонистон мусоидат хоҳанд кард. Ҳақназар Назаров созмондиҳандаи мактаби афғонистоншиносии тоҷик мебошад, ки эътирофи байналхалқиро соҳиб гардида аст.

Аҳамиятнокии мавзӯи таҳқиқот инчунин бо он асоснок гардидааст, ки омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи илмӣ–педагогӣ ва илмӣ–таҳқиқотии профессор Ҳақназар Назаров дар рушди мактаби афғонистоншиносии тоҷик, ки ӯ асос гузошта буд, ҳалли душвориҳо дар ин самт рушду ояндаи илми афғонистоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тарбияи кадрҳои насли нави муҳаққиқони ин соҳа мусоидат менамояд.

Дар шароити таърихии нав майлу рағбати муҳаққиқон барои омӯзиши асарҳои Ҳақназар Назаров, ошкорсозии нақш ва ҷойгоҳи ӯ

дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон ва ташаккулу рушди илми таърих дар ҷумҳурӣ меафзояд, ки ин низ мубрамияти таҳқиқи масъалаи интихобгардидаро нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти саҳми профессор Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги Афғонистон аҳамиятнок буда, дар шароити соҳибистиқлолии кишвар на танҳо аҳамияти илмӣ–назариявӣ ва амалӣ, балки аҳамияти сиёсиро низ доро мебошад.

Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ ва боварибахш будани натиҷаҳои таҳқиқ. Мавзӯи мазкур то имрӯз мавриди таҳлили махсуси илмӣ қарор нагирифтааст. Маводҳои ба ҳаёт ва фаъолияти Ҳақназар Назаров бахшидашуда дар солҳои 50–80–уми асри XX мақолаҳои алоҳидаи илмӣ–оммавӣ дар бораи фаъолияти илмии Ҳақназар Назаров оид ба Афғонистон дар матбуоти даврӣ ва маҷаллаҳо аз ҷониби муҳаққиқон А.Мирзоев, И.Бечка, Ю.Малтсев, М.Мирзошоев С.Шохуморов, У.Абдураҳмонов, М.Гулҷонов, А.Мухторов, М.Бобохонов, А.Ёрмаҳмадов, Д.Бобоев, М.Қодиров ва дигарон чопшуда мебошанд. Гарчанде ин мақолаҳо асосан илмӣ–оммавӣ мебошанд ва барои доираи васеи хонандагон тавсия карда мешаванд, аммо онҳо меҳнати пурмаҳсули Ҳақназар Назаровро равшан ва баръало тасвир намекунанд.

Дар солҳои 90–уми асри XX як зумра мақолаҳо дар бораи фаъолияти илмии Ҳақназар Назаров тақризҳо ба китобҳои тозанашри ӯ аз ҷониби шогирдон ва дӯстонаш Қ. Искандаров, П.Қаландарбеков, С.Шохуморов, С.Дӯстмурод, Ф.Зикриёев, Ҳ.Нуриддинов ва М.Лутфуллоев дар матбуот ва маҷаллаҳои илмӣ ба табъ расиданд. Дар арафаи 63–солагии зодрӯзи олим, соли 1993 аз ҷониби Қ. Искандаров ва М. Раҷабова дар доираи бахши «Библиографияи аъзои АИ ҶТ» китобе тартиб дода шуд, ки дар он оид ба санаҳои асосии ҳаёт ва фаъолияти Ҳақназар Назаров, очерки мухтасар аз фаъолияти илмӣ ва илмию ташкилотчигии ӯ, рӯйхати асарҳои чопшуда, таҳриркарда ва тартибдода, адабиёт дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ӯ аз чоп баромад.

Соли 2001 мақола дар бораи ҳаёт ва фаъолияти илмии Ҳақназар Назаров аз ҷониби шогирдонаш Қ. Искандаров ва Ҳ. Нуриддинов нашр гардид. Дар худи ҳамин сол аз ҷониби муҳаққиқ Қ.Искандаров китобе бо унвони «Муҳаққиқе дар таърихи Хуросон» ба муносибати 70–умин солгарди профессор Ҳақназар Назаров аз чоп баромад. Баъзе самтҳои ҳаёт ва фаъолияти Ҳақназар Назаров дар осори ҳамасрон, дӯстон ва

шогирдони ӯ инъикос гардидаанд. Бояд махсусан қайд намуд, ки дар маҷмӯаи мақола ва маводҳои конфронсҳои илмии ба муносибати 75–солагӣ, 80–солагӣ ва 85–солагии муҳаққиқ Ҳақназар Назаров, ба фаъолияти педагогӣ, ташаккули доираи илмӣ, характери фаъолияти илмии ӯ, доираи донишҳои илмӣ ва бисёр дастовардҳои дигари Ҳақназар Назаров дар соҳаи таърих ва фарҳанги Афғонистон, аз ҷониби муҳаққиқон Ш.Имом, Қ.Искандаров, А.Нурмуҳаммад, Ҷ.Назриев, М.Амирбеков ва В.С.Бойко равшанӣ андохта шудааст.

Ҳамин тариқ, асарҳои дар боло нишондодашуда, бешубҳа барои коркарди масъалаи аз ҷониби унвонҷӯ таҳқиқшаванда, саҳми назаррас гузоштаанд. Вале, дар таърихнигории ватанӣ ҳоло таҳқиқоти махсусе вуҷуд надорад, ки бевосита ба омӯзиши ҷомеъ ва ҷамъбастии саҳми устод Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистони муосир бахшида шуда бошад.

Интихоби мавзӯъ барои баррасии илмӣ дар таърихнигории ватанӣ ва тарзи масъалагузории он навгонӣ маҳсуб мешавад. Инчунин, муҳаққиқ нукоти дигари навгонии илмии рисоларо чунин муайян шудаанд:

– бори аввал, дар асоси сарчашмаҳои аслӣ ва адабиёти илмӣ–таҳқиқотӣ, фаъолияти илмии Ҳақназар Назаров мавриди таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор гирифтааст;

– нақши Ҳақназар Назаров дар таъсиси мактаби илмии афғонистоншиносӣ дар Тоҷикистон нишон дода шудааст;

– нақши Ҳақназар Назаров дар рушди илми ховаршиносӣ дар Тоҷикистон, саҳми шахсии ӯ дар омодасозии мутахасисони илмӣ, омода намудани дастур ва васоити таълимӣ, китобҳо оид ба афғонистоншиносӣ, ба таври объективӣ ҷамъбаст ва муайян карда мешавад;

– саҳми шахсии Ҳақназар Назаров дар таҳлили вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодии Афғонистон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба таври ҷомеъ муайян карда шудааст;

– саҳми Ҳақназар Назаров дар таҳқиқи ҷунбишҳои оммавии мардумии охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Афғонистон баррасӣ ва мушаххас шудааст;

– мавқеъ ва баҳои Ҳақназар Назаров ба ҷунбишҳои сиёсию иҷтимоӣ ва маорифпарварӣ дар Афғонистон таҳлил гардидааст;

– баррасӣ ва нигоҳи илмии муҳаққиқ Ҳақназар Назаров ба масъалаи миллӣ таҳқиқи мақоми тоҷикон дар ҳаёти сиёсӣ ва рушди фарҳангии Афғонистон таҳлил гардидааст;

– консепсияи Ҳақназар Назаров оид ба омӯзиши шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллоҳи Калаконӣ арзёбӣ шудааст;

– исбот карда шудааст, ки хулосаҳои илмии Ҳақназар Назаров вобаста ба масоили таърих ва фарҳанги Афгонистон дар шароити имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол низ мубрамияти худро нигоҳ медоранд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия. Натиҷа ва хулосаҳои диссертатсия ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи таърихи Афғонистон, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, коркарди воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ–методӣ барои кӯмак ба омӯзгорон ва донишҷӯёни мактабҳои олии таълимӣ истифода хоҳанд шуд. Мавод ва хулосаҳои диссертатсия, махсусан вобаста ба ҷунбишҳои оммавии мардумӣ, маорифпарварӣ ва зиддифеодалӣ, масъалаи миллӣ, моҳияти шӯриши деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Ҳабибуллоҳи Калаконӣ, мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон метавонанд дар рушди худшиносии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол истифода гарданд.

Саҳми бевоситаи унвонҷӯ дар ба даст овардани натиҷаҳои илмии рисола. Рисолаи Қодиров Довар Саидаллоевич мустақилона иҷро шуда, зимни навиштани рисола аз осори профессор Ҳақназар Назаров ва мусоҳибаҳои самаранок бо шогирдон, дӯстон ва хонаводаи Ҳақназар Назаров анҷом додааст, истифода намудааст. Рисола дорои арзиши илмӣ ва назарӣ буда, аз аҳамият ва навгонии илмӣ бархурдор мебошад. Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, дар муқоиса бо ақидаҳои дар илм ҷойдошта навгонии илмӣ буда, дар рисола масъалаҳои аниқи илмӣ ҳалли худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмун ва муҳтавои таҳқиқотро инъикос менамоянд. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистони муосир» , ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02. – Таърихи ватанӣ (Илмҳои таърих) пешниҳод шудааст, дар маҷмӯъ ба талаботи Низомномаи намунавии Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва равандҳои сиёсии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст. Протоколи № 02 аз 3-юми октябри соли соли 2019.

Дар маҷлис 22 нафар, ки аз онҳо 8 нафар докторон ва 14 нафар номзадҳои илманд, иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «ҷонибдор» - 22 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси маҷлис,
номзади илмҳои таърих,
декани факултети муносибатҳои
байналмилалии Донишкадаи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикитон

Бобозода
Фаридун Толибҷон

Имзои Ф.Т. Бобозодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсуси
Донишкадаи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Каримов
Исмоил Иброҳимович